Замима
Ба фармоиши Ректори МДТ
«Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон»
аз «____» ________2023, №_________

# Нақшаи

чорабиниҳои дохилиидоравии амалисозии Барномаи идоравии МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати таъмини иҷрои Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва

## Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он барои (соли 2023)

| № | Номгӯи чорабиниҳо | Мақсад (натиҷаи дарназардошташуда) | Муҳлати иҷро | Иҷрокунандагон |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Бо дарназардошти вазъи молиявӣ – иқтисодии донишкада идома додани ислоҳоти музди меҳнати кормандон (Банди 4 Нақшаи Стратегия – хусусияти умумидошта) | Баланд бардоштани вазъи иҷтимоии кормандон | Мунтазам | Шуъбаи муҳосибот |
| 2. | Интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо бо роҳи гузаронидани озмун, баҳодиҳии фаъолият, аттестатсия, ҷойивазкунии (ротатсия)- и кормандони донишкада ҳамчун усули муассири зиддикоррупсионӣ (Банди 5 Нақшаи Стратегия – хусусияти умумидошта) | Пешгирии коррупсия дар байни кормандон | Мунтазам | Роҳбарият, шуъбаи кадрҳо |
| 3. | Роҳандозӣ намудани чораҳо вобаста ба ҳавасмандгардонии кормандони ҷавони донишкада ва таҳким бахшидани арзишҳои зиддикоррупсионии оиҳо (Банди 9 Нақшаи | Баланд бардоштани рухияи кормандони ҷавони донишкада | Мунтазам | Шуъбаи кадрҳо, Раёсати илм ва инноватсия, муҳосибот, шӯрои |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Стратегия – хусусияти умумидошта) | | | ҷавонон ва иттифоқи касабаи донишкада |
| 4. | Таъсиси ихтисосҳои нав дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати тайёр намудани кадрҳо дар самти муқовимат ба коррупсия.<br><br>Ворид намудани мавзӯ дар барномаи таълимӣ менеҷери соҳаи тандурустӣ соатҳои таълимӣ оид ба омӯзиши стратегия муоқовимат ба коррупсия дар ҶТ барои давраи то соли 2030 дар соли 2023 (Банди 21. Нақшаи Стратегия – хусусияти умумидошта) | Ба кадрҳои соҳибтахассуси соҳаи тандурусти таълим додани мухтавои муқовимат бар зидди коррупсия | Солҳои 2023-2024 | Проректор оид ба таълим, и.в. мудири кафедраи сиҳатии ҷомеа, иқтисод ва идороти тандурустӣ бо курси омори тиббии донишкада |
| 5. | Таҳияи намоишҳои саҳнавӣ, барномаҳои телевизионӣ дар мавзӯи марбут ба муқовимат ба коррупсия (Банди 22. Нақшаи Стратегия – хусусияти умумидошта) | Ташаккули мафкураи зиддикоррупсионӣ | мунтазам | Шӯроҳои ҷамъиятӣ; Ҷавонон, собиқадорон, бонувон ва варзиш |
| 6. | Амалӣ намудани чораҳо оид ба ҷорӣ намудани низоми ягонаи иттилоотӣ нисбати кам намудани робитаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо кормандони донишкада. Муқаррар намудан ва фаъол нигоҳ доштани телефони боварӣ 250 31 01, 250 31 02 ва сомонаи расмии донишкада (Банди 23. Нақшаи Стратегия – хусусияти умумидошта) | Аз байн бурдани омилҳои инсонӣ | Мунтазам | Шуъбаи умумӣ ва коргузорӣ, котибот, мутасаддӣ оид ба сомонаи донишкада |
| 7. | Такмили санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ оид ба танзими хизматрасониҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ. (Банди 26 Нақшаи Стратегия – иҷрокунандаи аввал) | Ба низом даровардани тартиби хизматрасониҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ. | Соли 2023 | Шуъбаи муҳосиботи донишкада, шуъбаи маъмурӣ ва хоҷагидорӣ |
| 8. | Такмил ва шаффоф намудани тартиби хариди таҷҳизотҳои тиббӣ, маводҳо ва молҳои | Пешгирии омилҳои коррупсионӣ ҳангоми | Соли 2023 | Проректор оид ба корҳои хоҷагидорӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | хоҷагидорӣ, таълимӣ ва назорати сифати онҳо (Банди 27 Нақшаи Стратегия – иҷрокунандаи аввал) | хариди таҷҳизотҳои тиббӣ, хоҷагидорӣ ва таълимӣ | | Шуъбаи муҳосиботи донишкада |
| 9. | Назорати мақсаднок истифодабарии маблағҳо ва воситаҳои грантӣ, ки ба фаъолияти донишкада таалуқ доранд (Банди 28 Нақшаи Стратегия – иҷрокунандаи аввал) | Пешгирии омилҳои коррупсионӣ ҳангоми истифодаи маблағҳо ва воситаҳои грантӣ | Мунтазам | Роҳбарият, Шуъбаи муҳосибот ва Шуъбаи байналмилалӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии донишкада |
| 10. | Пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ зимни тақсимоти ихтисосҳои тиббӣ ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо дар донишкада (Банди 29 Нақшаи Стратегия – иҷрокунандаи аввал) | Таъмини шаффофият ва дастрасии баробар ҳангоми гирифтани ихтисос ва таъмин бо кор | Мунтазам | Роҳбарият, шуъбаи кадрҳо |
| 11. | Вусъат додани фаъолият дар самти пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ ва баланд бардоштани масъулияти кормандони дастгоҳи марказӣ, табиб - омӯзгорон, ки хизматрасониҳои давлатиро анҷом медиҳанд (Банди 41 Нақшаи Стратегия – хусусияти умумидошта) | Баланд бардоштани мафкураи зидди-коррупсионии кормандони донишкада | Мунтазам | Проректор оид ба таълим, роҳбарони зерсохторҳои донишкада |
| 12 | Тақвият додани низоми электронии пардохти ҳақи хизматрасониҳои давлатӣ ва ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани фаъолият дар соҳа (Банди 43 Нақшаи Стратегия – хусусияти умумидошта) | Бартараф намудани омилҳои инсонӣ | Мунтазам | Шуъбаи муҳосиботи донишкада |
| 13. | Амалисозии тарғиби ҳатмии оммавии Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Шӯрои олимон, ҷаласаҳои шуъбаҳо, ҷаласаҳои кафедра ва курсҳо ва тавассути сомонаи донишкада (Банди 48 Нақшаи Стратегия – ҳамиҷрокунанда) | Ба самъи кормандону шунавандагон расонидани муҳтавои стратегия ва натиҷаҳои фаъолияти зиддикоррупсионӣ | Мунтазам | Проректор, деканҳо, мудирони шуъбаҳо ва кафедраю курсҳои донишкада |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 14. | Бо мақсади тақвият бахшидани муқовимат ба коррупсия рушди муназзами сомонаҳои расмӣ ва интишори маълумот оид ба пешгирии коррупсия (Банди 49 Нақшаи Стратегия – хусусияти умумидошта) | Огоҳонии бештари аҳолӣ оид ба сиёсати зидикоррупсионӣ | Мунтазам | Мутасаддӣ оид ба сомонаи донишкада |
| 15. | Андешидани чораҳои муассир ҷиҳати пешгирӣ намудани тасарруф ва ҳолатҳои дигари коррупсионӣ ҳангоми истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ ва дар ин замина таъмини шаффофият дар раванди иҷрои он (Банди 52 Нақшаи Стратегия – хусусияти умумидошта) | Назорати қатъии истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | Мунтазам | Гуруҳи доимоамалкунанда, Шуъбаи муҳосиботи донишкада |
| 16. | Ба маълумоти кормандон расонидани натиҷаи тафтишу санҷишҳои молиявӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои олимон ва тавассути сомонаи донишкада (Банди 54 Нақшаи Стратегия – хусусияти умумидошта) | Шаффофияти назорат дар фаъолияти молиявӣ | Давоми сол | Шуъбаи муҳосиботи донишкада, мутасаддӣ оид ба сомонаи донишкада |